«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
______________________
«___» _____________ с. 2023

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Миралиев Исфандиёр Қарахонович ҳамчун дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ӯ аз соли 2015 то имрӯз ба ҳайси дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Соли 2009 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Рисолаи номзадиро соли 2014 дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дифоъ намудааст.

Мавзуи унвонҷӯ бо қарори шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2018, таҳти №9 (17-18) тасдиқ шудааст.

**Мушовири илмӣ** – Шарофзода Рустам Шароф, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз рӯйи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ, яъне робитаи давлат ва шахс бахшида шудааст.

Мавзуи рисолаи илмӣ дар ҳама давру замон муҳим ва мубрам мебошад, зеро дар он масъалаҳое мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд, ки онҳо ҳам аз лиҳози таърихӣ ва ҳам муосир аҳаммияти баланди ҳуқуқӣ доранд. Дар рисола таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва омӯзишу баррасии таҷрибаи хориҷӣ ҷойгоҳи махсусро касб кардааст, ки ин барои илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти бузург дорад.

Робитаи шахс бо давлат ва давлат бо шахс аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки инсоният аз рӯзҳои аввали дарки худ ва ҳуқуқу озодиҳояш ба он таваҷҷуҳ намудааст.

Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки бо мурури замон ҳуқуқи инсон аз ахлоқу маърифат, ғояву назария ба унсури марказии сиёсати давлатӣ мубаддал гардид. Дар сатҳи давлатӣ ҳуҷҷатҳои махсус оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва қабул карда шуданд. Минбаъд ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои ҷудонопазир ва фитрӣ, ки онро давлат кафолат медиҳад, ба расмият шинохта шуд.

Дар рисола иқтибос аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид оварда шудааст: «Пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад».

Дар воқеъ, эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо суръати баланд рушд дорад, ки ҳуқуқи инсон дар ин раванд ҳамчун унсури асосии алоқамандии байни онҳо бароммад менамояд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзишҳои асосӣ ва бунёдие мебошанд, ки ба воситаи онҳо вазъи ҳуқуқии шахс танзим гардида, тарз ва ҳудуди таъсиррасонии ҳуқуқӣ муайян

карда шуда, кафолатҳои ҳуқуқии ҳимоя ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар карда мешаванд.

Бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, доман паҳн намудани амвоҷи ҷаҳонишавӣ ва равандҳои нави ҷаҳони мутамаддин таҳқиқоти илмии сатҳи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс мубрам маҳсуб мешавад.

Дар пажӯҳиши мазкур рушди робитаи давлат ва шахс дар ҷаҳони муосир, минтақаҳои алоҳида ва давлатҳо таҳқиқ гардидааст, ки имконият фароҳам меорад, то хусусиятҳои ташаккули робитаи давлат ва шахс дар сатҳи ҷаҳон, минтақаҳо ва кишварҳои алоҳида муайян ва баррасӣ карда шаванд. Бо ин мақсад муаллиф аз усули таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ васеъ истифода кардааст.

Рисоланавис қайд менамояд, ки дар марҳилаҳои пештараи инкишофи таърихӣ бо дарназардошти омехта будани соҳаҳои гуногуни дониши инсонӣ паҳлуҳои гуногуни назарияи ҳуқуқи инсон ҷузъи фалсафа, ахлоқ ва сиёсат буданд. Танҳо дар замони нав ва навтарин назарияи ҳуқуқи инсон ҳамчун соҳаи мустақили дониши инсонӣ ташаккул ёфта, инкишоф меёбад. Раванди мазкур ба ташаккул ва амалӣ гардидани робитаи давлат ва шахс мусоидат мекунад.

Инсоният барои расидан ба сатҳи олии амалишавии ҳуқуқу озодиҳо роҳи таърихии дуру дарозеро тай намудааст. Яке аз комёбиҳои беназири башарият ин бузургтарин неъмат ва олитарин арзиш эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Қабул гардидани санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар ин самт дастоварди дигари ҷомеаи башарӣ маҳсуб мешавад. Ҳамаи ин дастовардҳо як навъ робитаи устувори шахсро бо давлат ифода карда, натиҷаи робитаи давлат ва шахс мебошанд. Аз ин рӯ, пажӯҳиш ва таҳлили масъалаҳои робитаи давлат ва шахс аз нигоҳи ҳамаи илмҳо, махсусан илми ҳуқуқшиносӣ муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар шароити вусъат гирифтани тафовутҳои фарҳангӣ ва тамаддунӣ, бархӯрди тамаддунҳо, рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир мавзуи интихобгардида боз ҳам мубрам мегардад.

Ба андешаи муаллифи рисола таҳқиқоти илмӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии мазмун, моҳият, ҳадафҳо ва вазифаҳои робитаи давлат ва шахс дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ барои муайян ва минбаъд ба инобат гирифтани хусусиятҳои он, шаклу роҳҳои амалӣ намудани он дар сатҳи ҷаҳон, минтақа ва давлати миллӣ аҳаммиияти назариявӣ, амалӣ ва фарҳангӣ дорад. Паҳлуҳои мусбати таҷрибаи мазкур дар партави амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, чун омили рушди робитаи давлат ва шахс метавонанд ба инобат гирифта шаванд. Илова бар ин, мубрамияти илмии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он собит мегардад, ки натиҷаҳои он барои тарбияи ватандӯстӣ ва болоравии шуури сиёсию ҳуқуқии шаҳрвандон аҳаммият доранд.

Пажӯҳишгар арзиши амалии тадқиқотро бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои рисола асоснок намуда, қайд менамояд, ки онҳоро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии танзими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ истифода намуд. Ҳамзамон мувофиқи навиштаи муҳаққиқ рисолаи илмӣ барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон ва таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

**Мақсади аз таҳқиқоти** мазкур таҳлили илмӣ-методологӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-тамаддунии назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсади таҳқикот муаллиф дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

– омӯзиши ғояҳои бунёдӣ оид ба робитаи давлат ва шахс аз диди таълимот ва назарияҳои мухталиф;

– таҳқиқи хусусиятҳои ташаккули робитаи давлат ва шахс дар минтақаҳои гуногун;

– таҳқиқи заминаҳои таърихӣ, фарҳангиву тамаддунӣ ва илмии ташаккули робитаи давлат ва шахс;

– муайян намудани шаклҳои асосии муосири робитаи давлат ва шахс;

– таҳлили робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар доираи таълимоти сиёсиву ҳуқуқии Шарқ ва Ғарб;

– таҳлили модели конститутсионии робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани роҳҳои самараноки амалӣ гардонидани он;

– муайян намудани рушди вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар шароити муосир;

– муайян намудани мафҳум, моҳият, табиат ва шаклҳои робитаи давлат ва шахс дар заминаи амалисозии консепсияи давлати иҷтимоӣ;

– муайян намудани сатҳ ва дараҷаи инкишофи таҷрибаи байналмилалӣ оид ба эътироф ва амалисозии ҳуқуқи инсон;

– таҳлили робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи сиёсати ҳуқуқӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои алоҳида;

– таҳлили хусусиятҳои модели миллии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон чун омили муҳимми робитаи давлат ва шахс.

Усулҳои илмиеро, ки рисоланавис ҳангоми пажӯҳиши илмӣ мавриди истифода қарор додааст, барои таҳқиқу таҳлил ва ҳалли ҳамаҷонибаи муаммоҳо ва мушкилоти робитаи давлат ва шахс мусоидат кардаанд.

Дар рисола санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ва дигар санадҳои соҳавӣ васеъ истифода шудаанд, ки ҳамчун заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқии рисола маҳсуб мешаванд.

Рисолаи илмии мазкур яке аз нахустин пажӯҳишҳои илмӣ дар самти робитаи давлат ва шахс дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, мавзуи рисола барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ навгонӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин муаллиф робитаи давлат ва шахсро аз нигоҳи таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, таҷрибаи байналмилалӣ ва миллӣ, бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ таҳлил намудааст, ки аз навгонии рисола гувоҳӣ медиҳанд. Пешниҳоди модели муосир ва миллии робитаи давлат ва шахс низ навгониҳои дигари пажӯҳиш маҳсуб мешавад. Омӯзиш ва таҳлили падидаҳои наве чун ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, неолиберализм, ҷаҳонишавии неолибералӣ, бӯҳрони идеологияи ғарбгароёна, муқовимат ба ғояи ғарбии фардигароӣ ва ҳоказо, ки ба ҳадаф, мазмун ва дигар арзишҳои робитаи давлат ва шахс таъсир мерасонанд, аз дастовардҳои дигари рисоланавис ба ҳисоб мераванд.

Таклифу тавсияҳои муаллифи рисола оид ба мафҳумҳои робитаи давлат ва шахс, вазъи ҳуқуқии шахс, ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ аҳаммияти бузурги илмӣ доранд. Ҳамзамон омӯзиш, таҳлил ва муайянсозии таносуби робитаи давлат ва шахс бо сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, инъикоси он дар асарҳои илмӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ, нақш ва мавқеи он дар ташаккули низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс, вазъи кунунӣ ва дурнамои амалисозии он, роҳу усулҳои амалисозии робитаи давлат ва шахс аз музаффариятҳои дигари рисоланавис маҳсуб мешаванд.

Ҳалли муаммо ва мушкилоти зикргардида барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили низоми ҳуқуқии кишвар замина гузошта, таҳқиқ, ошкор ва баррасӣ намудани онҳо талаби рӯз аст.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсияи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» кори илмии ба анҷомрасида буда, ба ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия муаллиф 2 монография, 2 китоби таълимӣ, 35 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки 19 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**I. Монографияҳо:**

[**1-М**]. Миралиев, И.К. Правовое государство и права человека: монография [Текст] / И.К. Миралиев. – Душанбе: Сино, 2015. – 256 с. (16 п.л.).

[**2-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҷойгоҳи ҳуқуқи инсон дар давлати ҳуқуқбунёд: монография [Матн] / И.Қ. Миралиев. – Душанбе, 2021. – 153 с. (9,5 ҷ.ч.).

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[**3-М**]. Миралиев, И.Қ. Алоқамандии ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд [Матн] / И.Қ. Миралиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2012. – №3/2 (83). – С. 73-77 (0,3 ҷ.ч.). – ISSN: 2413-5151.

[**4-М**]. Миралиев, И.К. Теоретико-методологические основы концепции прав человека в правовом государстве [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2012. – №3/8 (101). – С. 123-126 (0, 31 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

[**5-М**]. Миралиев, И.К. Правовой статус человека и гражданина [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2013. – №3/7(124). Раздел 1. – С. 97-100 (0, 31 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

[**6-М**]. Миралиев, И.К. Современные трактовки взаимосвязи правового государства и прав человека [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2014. – № 3/1 (128). – С. 120-126 (0, 5 п.л.). – ISSN:2413-5151.

[**7-М**]. Миралиев, И.К. Взаимосвязь правового государства и прав человека в рамках их доктринальных трактовок [Текст] / И.К. Миралиев // Правовая жизнь. – 2016. – №1 (13). – С. 36-50 (0,4 п.л.). – ISSN: 2307-5198.

[**8-М**]. Миралиев, И.К. К вопросу о понятии и принципах правовой политики в сфере прав человека [Текст] / И.К. Миралиев // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – 84-90 (0,4 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

[**9-М**]. Миралиев, И.К. Конституционная модель правового государства и прав человека в условиях правовой действительности Таджикистана [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/3. – 230-235 (0,5 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

[**10-М**]. Миралиев, И.К. Механизмы реализации правовой политики в сфере прав человека [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/9. – С. 226-229 (0,31 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

[**11-М**]. Миралиев, И.Қ. Низомҳои ҳуқуқии омехта [Матн] / И.Қ. Миралиев, Н. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (20). – С. 152-160 (0,5 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**12-М**] Миралиев, И.Қ. Ташаккул ва инкишофи ғояҳои бунёдӣ оид ба муносибати байниҳамдигарии давлат ва шахс [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – №4 (20). – С. 6-15 (0,7 ҷ.ч.). – ISSN: 2414 9217.

[**13-М**]. Миралиев, И.Қ. Инкишофи ақидаҳо оид ба алоқамандии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон [Матн] И.Қ. Миралиев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (32). – С. 26-37 (0,7 ҷ.ч.). – ISSN: 2307-5198.

[**14-М**]. Миралиев, И.Қ. Сиёсати давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Паёми ДМТ. Шумораи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №11. – С. 220-224 (0,4 ҷ.ч.). – ISSN: 2413-5151.

[**15-М**]. Миралиев, И.Қ. Принсипҳо ва ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №3 (39). – С. 30-34 (0,31 ҷ.ч.). – ISSN: 2307-5198.

[**16-М**]. Миралиев, И.Қ. Ташкилёбӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон то замони Истиқлолияти давлатӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев, Н. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (20). – С. 25-39 (0,9 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**17-М**]. Миралиев, И.Қ. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (20). – С. 78-94 (0,9 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**18-М**]. Миралиев, И.Қ. Низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти он [Матн] / И.Қ. Миралиев, Н. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4 (20). – С. 54-63 (0,7 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**19-М**]. Шарофзода, Р.Ш., Миралиев, И.Қ. Заминаҳои илмӣ-методологии инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс [Матн] / Р.Ш. Шарофзода, И.Қ. Миралиев // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (50). – С. 12-18 (0,5 ҷ.ч.). – ISSN: 2410-2903.

[**20-М**]. Миралиев, И.Қ. Афзалиятҳо ва амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҶТ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Паёми ДМТ. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №7. – С. 256-261 (0,6 ҷ.ч.). – ISSN: 2413-5151.

[**21-М**]. Миралиев, И.Қ. Оид ба мафҳуми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ахбори ДДҲБСТ. – 2023. – №3 (96). – С. 5-9 (0,4 ҷ.ч.). – ISSN: 2411-1945.

## III. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашриёҳо чоп шудаанд:

[**22-М**]. Миралиев, И.К. Теории о взаимосвязи прав человека и государства: генезис и трансформация идей [Текст] / И.К. Миралиев // Государствоведение и права человека. – 2016. – №2 (02). – С. 103-111 (0,5 п.л.). – ISSN: 2414-9217.

[**23-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон дар давлати иҷтимоӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2016. – №3 (03). – С. 35-39 (0,3 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**24-М**]. Миралиев, И.К. Правовой статус человека и гражданина [Текст] / И.К. Миралиев // Права человека: история, теория и практика // Под ред., д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – С. 451-470 (3,4 п.л.).

[**25-М**]. Миралиев, И.Қ. Назарияҳо дар бораи робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқҳои инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – №2 (06). – С. 111-112 (0,12 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**26-М**]. Миралиев, И.Қ. Назаре ба мафҳум ва предмети илми ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №1(09). – С. 24-30 (0,6 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**27-М**]. Миралиев, И.Қ. Назаре ба мафҳум ва предмети илми ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – №3(19). – С. 152-159 (0,7 ҷ.ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**28-М**]. Миралиев, И.Қ. Тамаддуни зардуштӣ ва ҷойгоҳи он дар шинохти ҳуқуқ ба саломатӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ахбори Суди констиутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3-4. – С. 26-35 (0,8 ҷ.ч.).

## IV. Маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ:

[**29-М**]. Миралиев, И.Қ. Кафолатҳои таъмини озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ // Маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи башар. – Душанбе, 2014. – С. 42-48 (0,4 ҷ.ч.).

[**30-М**]. Миралиев, И.Қ. Праблемаҳои амалишавии ҳуқуқҳои инсон дар шароити давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон // Маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зиди шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ. – Душанбе, 2015. – С. 31-35 (0,3 ҷ.ч.).

[**31-М**]. Миралиев, И.Қ. Маҳфум ва махсусияти муносибати ҳуқуқҳимоявӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо // Маводи конференсия байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2019. – С. 80-84 (0,3 ҷ.ч.).

[**32-М**]. Миралиев, И.К. Влияние национального законодательства о защите прав человека и на состояние и перспективу института защиты прав человека в Республике Таджикистан [Текст] / И.К. Миралиев // Права человека проблемы, пути решения и перспектива // Материалы международной научно-практической конференции посвященной ко дню принятия Всеобщей декларации прав человека. – Душанбе, 2019. – С. 69-75 (0,4 п.л.).

[**33-М**]. Миралиев, И.Қ. Понятие защиты прав человека [Матн] / И.Қ. Миралиев // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқи миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ // Маводи конференсияи

байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С. 194-200 (0,4 ҷ.ч.).

[**34-М**]. Миралиев, И.Қ. Назарияҳои пешрафта оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон (7 декабри 2020). – Душанбе, 2020. – С. 92-102 (0,6 ҷ.ч.).

[**35-М**]. Миралиев, И.К. Правовая политика как фактор правового развития общества [Текст] / И.К. Миралиев // Сборник материалов IX Международной научно-практической конференции Леденцовские чтения. «Бизнес. Наука. Образование. Правовые и экономические аспекты» (секция высшего образования с участием специалистов и обучающихся среднего профессионального образования и школьников) (22 апреля 2021 года). – Саратов, 2021. – С. 537-545 (0,5 п.л.).

[**36-М**]. Миралиев, И.Қ. Сиёсати ҳуқуқи ҳамчун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эломияи умуми ҳукуқи инсон (7 декабри 2021). – Душанбе, 2021. – С. 50-60 (0,68 ҷ.ч.).

[**37-М**]. Миралиев, И.Қ. Мақоми ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Амрикои Лотинӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз // Маводи конференсияи байналмилалии

илмию амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (9 декабри 2022). – Душанбе, 2022. – С. 55-63 (0,6 ҷ.ч.).

## V. Китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва методӣ:

[**38-М**]. Миралиев, И.Қ. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев, А.Ғ. Холиқов, А.М. Диноршоев ва диг. – Душанбе: Олами китоб, 2010. – 400 с. (25 ҷ.ч.).

[**39-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон дар нақшаҳо (воситаи таълимӣ) [Матн] / И.Қ. Миралиев, Б.А. Сафаров, Д.С. Сафаров ва диг. – Душанбе: Бахманруд, 2013. – 207 с. (13 ҷ.ч.).

[**40-М**]. Миралиев, И.Қ. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев, Э.С. Насурдинов, Б.А. Сафаров ва диг. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 320 с. (20 ҷ.ч.).

[**41-М**]. Миралиев, И.К Права человека (в схемах). Учебное пособие [Текст] / И.К. Миралиев, А.М. Диноршоев, Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе, 2015. – 174 с. (11 ҷ.ч.).

[**42-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо): воситаи таълимӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев, Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе, 2019. – 192 с. (12 ҷ.ч.).

[**43-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо): воситаи таълимӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон ва диг. – Душанбе, 2019. – 192 с. (12 ҷ.ч.).

[**44-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон. Қисми 1. Воситаи таълимӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев, А.Ғ. Холиқзода, Б.А. Сафарзода ва диг. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 144 с. (9 ҷ.ч.).

[**45-М**]. Миралиев, И.Қ. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон ва диг. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 480 с. (30 ҷ.ч.).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №3/1 аз 24-уми октябри соли 2023.

Раисикунанда:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ — Холиқзода А.Ғ.

Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Саъдизода Ҷ.

Котиби ҷаласа:
лаборанти кафедра — Иброҳимзода Ш.Ҳ.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
«27» 10 2023

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦ...